*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 014*
*назди Донишгоҳти давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067,*
*кӯчаи Нахимов, 64/14*

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.

Низоми бонкӣ ҳамчун як низоми таҳаммулпазири фишорҳои иқтисодӣ ва муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодиёти ҳар як давлат маҳсуб ёфта, ҳамзамон ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаву муассисаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва ба шаҳрвандони алоҳида хизматрасонӣ менамояд. Вобаста ба ин механизми асосии назариявии фаъолияти бонкҳоро дар сатҳи ҷомеа ташакили дурусти муомилоти пулӣ байни субъектҳои гуногун ва алоҳидаи иқтисодиёт дар заминаи талабот ва имконотҳои мавҷуда ташкил намуда, тавассути бонкҳо пайдарпайии ҷараёни муносибатҳои пулӣ таъмин карда мешавад.

Интихоби мавзӯи мазкур аз нуқтаи назари актуалӣ буданаш фарогири масъалаҳои муҳими устувории бонкӣ мебошад. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ дар маҷмӯъ аз ҳолати хуби устуворӣ ва иқтидори молиявию захиравии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дорад.

Ҳамзамон дар таҳия, татбиқ ва коркардҳои анҷомгардида мазмуни афтореферати диссертатсия ба матни он мувофиқ буда, моҳияти илмии ҷараёни таҳқиқотро боназардошти таҳлилҳои нишондиҳандаҳои муҳими бонкӣ пурра инъикос менамояд.

Инчунин таҳлилҳои нуқтаи назари олимон дар самти мавзӯъ ба талабот ҷавобгӯ мебошад ва моҳияти кори илмиро инъикос менамояд. Ҳамчунин дар автореферати мазкур як қатор таҳлилҳои дар шакли нақша ва ҷадвалҳо аз тарафи муаллиф роҳандозӣ гардидааст, ки мукаммалии ҷараёни тақиқи илмиро нишон медиҳад.

Бо сабаҳои таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ, ноороми дар як қатор кишварҳои шарики стратегии Тоҷикистон, равандҳои идоракунии нодруст дар умумри низомӣ бонкӣ боиси бамаротиб коҳиш ёфтани шумораи бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ гардид, ки ин ҳолат аз муаммодор гардидани авзои низоми бонкии кишвар гувоҳи медиҳад.

Вобаста ба ин гуфтан зарур аст, ки муваффақиятҳои уновонҷӯ дар таҳқиқоти анҷомгардида муваффақиятҳои онро ифода менамод. Новобаста аз ин дар таҳқиқоти мазкур хуб мешуд агар унвонҷӯ ба масъалаҳои зерин аҳамият медод:

1. Муайян намудани ҳиссаи қарзҳои қолабӣ ва ғайриқолабӣ ва таъсири он ба устувории бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда шавад;
2. Афзоиши сатҳи нокифояи захираҳои пулии низоми бонкӣ бо таъсири шиддатноки омилҳои берунӣ, ки ба таври возеҳ муайян карда шавад;
3. Хуб мешуд агар унвонҷӯ ҷадвалҳои параграфи 2.2. пурратар шарҳ медод ва таъсири нишондиҳандаҳоро ба устувории бонк дақиқтар муайян мекард.

Бо вуҷуди ин камбудиҳо автореферати диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Декани факултети
менеҷмент ва маркетинги байналмилалии ДТТ
н.и.и., дотсент Раҳимзода М.И.

Дурустии имзои Раҳимзода М.И. – ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва кадрҳои махсуси ДТТ Бухориев Н.

**Суроға.** 734061, ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н Қарабоев 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Телефон: + 992 (37)234-79-87. Факс: + 992 (37) 234-79-88. Сомона: www.tut. tj